**Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Нодирзода Нозимҷон Мансур дар мавзуи «Корҳои ислоҳӣ ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ: масоили иҷро ва адои он» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ)**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба номи мавзуъ ва ихтисосе, ки тибқи он таҳқиқот анҷом дода шудааст.**

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ Нодирзода Нозимҷон Мансур «Корҳои ислоҳӣ ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ: масоили иҷро ва адои он», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руйи ихтисоси 12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ омода шудааст. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот бо шиносномаи ихтисоси 12.00.08–Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 2021 №7 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Мавзуи диссертатсияи Нодирзода Нозимҷон Мансур ба яке аз мушкилоти мубрами назария ва амалияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ бахшида шудааст. Муаллиф мавзуро дар сатҳӣ баланди илмӣ таҳлил намудааст, ки натиҷаҳои бадастовардааш барои рушд ва такмили қонунгузории ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон судманд мебошанд. Таҳқиқоти мазкур имкон додааст, ки як қатор муқаррарот, таклифу тавсияҳои нав ҷиҳатӣ мукаммалгардонии минбаъдаи қонунгузории ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар самти ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ; масоили иҷро ва адои он тавсия шаванд.

**Теъдод ва мувофиқати интишороти натиҷаҳои асосӣ ба талаботи мавҷуда.**

Оид ба муҳтавои диссертатсия мақолаҳои илмӣ 8 мақолаи илмӣ нашр карда шудаанд, ки 4 адади ондо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд, ки онҳо фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

**Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ.**

Таҳқиқоти диссертатсионии Нодирзода Нозимҷон Мансур дар мавзуи «Корҳои ислоҳӣ ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ: масоили иҷро ва адои он», мубрам ба хисоб рафта, барои илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ аҳаммияти назариявӣ ва амалиро доро мебошад.

Бояд зикр намуд, ки Асосгузори сулху ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми мулоқот бо кормандони мақомоти судӣ таъкид намуда буданд, ки «Вазифаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ танҳо ба маҳбас кашидани мардум нест, балки вазифаи онҳо, инчунин, пешгирии ҷиноят, яъне аз маҳбас эмин доштани инсонҳо мебошад. Зеро дар паси ҳар як шахс як хонавода ва сарнавишту зиндагии ӯ қарор дорад». Корҳои ислоҳӣ дар м. 52 КҶ ҶТ пешбинӣ гардида, ба инсонпарварона гардонидани қонунгузории ҷиноятии ҶТ нигаронида шудааст. Ҷазои ҷиноятӣ дар намуди корҳои ислоҳӣ ба такмили фаъолияти давлат дар самти мубориза бо ҷинояткорӣ мусоидат намуда, ба равандҳои илмӣ ва қонунгузории иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мувофиқ мебошад (манфиати иқтисодии ин ҷазо, иқтидори назарраси пешгирикунанда, коҳиш додани такрори ҷиноят ва мусоидат ба иҷтимоигардонии шахси маҳкумшуда).

Ҳамчунин Стратегияи ислоҳоти низоми иҷрои ҷазои ҷиноятии Тоҷикистон то соли 2030 аз ҷониби Ҳукумати ҶТ тасдиқ шудааст, бо мақсади баланд бардоштани самаранокии кори муассисаҳо ва мақомоти иҷрокунандаи ҷазо, то сатҳи стандартҳои байналмилалӣ расонидани муносибат бо маҳкумшудагон ва ниёзҳои рушди иҷтимоӣ, васеъ намудани доираи татбиқи ҷазоҳоеро пешбинӣ менамояд, ки бо маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманд намебошанд, шаҳодати он мебошад.

Аҳамияти рисолаи мазкур барои кишвари мо дар омилҳои зерин инъикос меёбад:

- ҳангоми таҳияи санадҳои зерқонунии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- дар фаъолияти илмии донишгоҳҳои равияи илмҳои ҳуқуқшиносӣ, пажӯҳишгоҳҳои илмӣ-таҳқиқотии дахлдор;
- дар раванди таълим: ҳангоми таълими дарсҳои қисми умумии ҳуқуқи ҷиноятӣ ва дигар дастурҳои таълимию методӣ

Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ аз он иборат аст, ки дар асоси таҳлили қонунгузорӣ, таҷрибаи судӣ, таҷрибаи иҷрои санадҳои судӣ, инкишофи қонунгузории ҷиноятӣ оид ба ҷазои корҳои ислоҳӣ, таҳқиқи моҳият ва аломатҳои он, танзими иҷрои ҷазои мазкур дар қонунгузории давлатҳои пасошуравӣ нақши ин намуди ҷазо дар амалӣ шудани ислоҳи маҳкумшуда ва пешгирии содиршавии ҷиноятҳои нав муайян карда шуда, дар ин замина барои такмили минбаъдаи ин намуди ҷазо хулоса ва тавсияҳои илман асосноки хусусияти назариявӣ ва амалидошта пешниҳод карда шаванд.

Мутобиқи мақсадҳои дар диссертатсия гузошташуда кушиши ҳал намудани вазифаҳои асосии зерин анҷом дода шудааст:

- таҳлили инкишофи қонунгузории ҷиноятии ҶТ оид ба ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ;
- муайян намудани мафҳум ва моҳияти корҳои ислоҳӣ ҳамчун ҷазои ҷиноятӣ;

- баррасии таҳлили иҷрои ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ дар қонунгузории давлатҳои пасошуравӣ;
- муайян намудани тартиб ва шартҳои иҷрои ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ
- омӯзиши ҳуқуқ ва уҳдадориҳои шахсони ба ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ маҳкумшуда;
- таҳлили воситаҳои ислоҳшавии маҳкумшудагоне, ки ҷазоро дар намуди корҳои ислоҳӣ иҷро менамоянд;

Навгонии илмии диссертатсия бо нуқтаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, исбот мегардад. Ин нуқтаҳои илмӣ дар заминаи натиҷаҳои илмии зерин пешниҳод мешаванд.

Навгонии илмии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки диссертатсияи мазкур нахустин пажӯҳиши мукаммали илмӣ оид ба иҷро ва адои корҳои ислоҳӣ ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Пешниҳод ва хулосаҳо барои такмил додани Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон равона гардида, мумкин аст барои самаранок гардонидани тартиби иҷро ва адои корҳои ислоҳӣ хизмат намояд.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи коркарди илмии он нишон дода шудааст.

Боби якуми диссертатсия «табиати ҳуқуқии ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» бахшида шуда, масалаҳои инкишофи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ, мафҳум ва моҳияти корҳои ислоҳӣ ҳамчун намуди ҷазо ва иҷрои ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ дар давлатҳои пасошӯравӣ мавриди омӯзиш ва таҳқиқоти илмӣ қарор гирифтааст.

Муаллиф таъкид менамояд, ки корҳои ислоҳӣ ҳамчун намуди ҷазо аз

рӯзҳои аввали ташкил гардидани ҳокимияти Шуравӣ ба вуҷуд омад. Санади аввалине, ки дар он корҳои ислоҳӣ ҳамчун намуди ҷазо номбар мешуд, Дастури Комиссариати Халқии Адлия аз 19 декабри соли 1917 «Дар бораи трибунали инқилобӣ, ҳайати он, парвандаҳои тобеияти он, ҷазоҳои татбиқшаванда ва тартиби гузаронидани ҷаласаҳо» ба ҳисоб мерафт. Корҳои ислоҳӣ дар таърихи ташакулёбии худ ба таври гуногун номгузорӣ мешуд: корҳои маҷбурӣ бе маҳрумӣ аз озодӣ, корҳои ислоҳи меҳнатӣ бе маҳрум сохтан аз озодӣ, корҳои ислоҳӣ бе маҳрум сохтан аз озодӣ, корҳои ислоҳӣ. Он дар давраҳои аввали ҳокимияти шуравӣ на танҳо ба сифати ҷазои асосӣ, балки ҳамчун ҷазои иловагӣ низ таъин мегардид.

Корҳои ислоҳӣ ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ таърихи тулонӣ дошта, дар давоми он ҳамчун ҷазои алтернативӣ маҳрум сохтан аз озодӣ ба мақсад мувофиқ будани нигоҳ доштани худро дар қонунгузории ҷиноятӣ исбот намудааст.

Боби дуюми таҳқиқоти диссертатсионӣ «Тавсиф ва мушкилоти иҷро ва адои ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ»-ро фаро гирифта, масъалаҳои тартиби иҷрои ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ, шартҳои адои ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ, воситаҳои ислоҳшавии маҳкумшудагоне, ки ҷазоро дар намуди корҳои ислоҳӣ адо менамоянд ва ҳуқуқ ва уҳдадориҳои шахсони ба ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ маҳкумгардида мавриди омузиш ва таҳқиқоти илмӣ қарор гирифтааст.

Дар м.52 КҶ ҶТ нигоҳ дошта шудани ҳар ду намуди корҳои ислоҳиро муаллиф асоснок шуморидааст. Зеро бо сабаби алоқаманд набудани ҷазои корҳои ислоҳӣ бо ҷудо нигоҳ доштан аз ҷомеа робитаҳои иҷтимоии маҳкумшуда қатъ нагардида, чараёни ислоҳ ва тарбия набудани ӯ дар шароити озодӣ сурат мегирад. Ба таври васеъ истифода шудани корҳои ислоҳӣ ба инсонпарварона гардонидани қонунгузории ҷиноятии ҶТ, ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати ҷиноятӣ, ки ба ҷорӣ

намудани ҷазоҳои бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошад – алтернативаи маҳрум сохтан аз озодӣ; зарурати васеъ намудани имкониятҳои судҳо вобаста ба таъин кардани ҷазоҳое, ки ба маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманд намебошанд, мувофиқат менамояд. Татбиқи корҳои ислоҳӣ на танҳо шумораи шахсони дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ нигоҳ дошташударо коҳиш медиҳад, балки аз лиҳози иқтисодӣ истифода шудани ин намуди ҷчазоро ҳамчун воситаи расидан ба мақсадҳои ҷазо ба мақсад мувофиқ мегардонад.

Муаллиф таъкид менамояд, ки мазмуни вазъи ҳуқуқии маҳкумшудагон аз маҷмуи унсурҳои он ба монанди ҳуқуқ ва ухдадориҳои махсуси маҳкумшудагон, манфиатҳои қонунии маҳкумшудагон иборат мебошад, ки аз моҳияти ҷазои мушахасси таъингардида бармеояд. Вобаста ба ин вазъи ҳуқуқии маҳкумшудагон ба корҳои ислоҳӣ тавассути тартиб ва шароити адои он муайян карда мешавад.

Муаллиф ҳангоми таҳлили таҷрибаи нозироти корҳои ислоҳӣ қайд менамояд, ки тартиб ва шартҳои адои ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ одатан дар давраи бақайдгирӣ дар нозироти корҳои ислоҳӣ ҳангоми гузаронидани суҳбат тариқи шифоҳӣ фаҳмонда дода мешавад. Вале чунин тарзи фаҳмондадиҳӣ вобаста ба зеҳну фаҳмиши маҳкумшуда на ҳама вақт барои дарки шартҳои адои ҷазо мусоидат менамояд. Бинобар ин, бо мақсади таъмини принсипи қонуният ва ҳар чӣ бештар риоя шудани ҳуқуқ ва ухдадориҳои маҳкумшуда зарурати ба таври хаттӣ дастрас намудани меъёрҳои дахлдори қонунгузорӣ нисбати ҷазои мушаххаси адокунандаи маҳкумшуда ба мақсад мувофиқ дониста мешавад.

Дар асоси ҷамъбасти таҳлилу таҳқиқи илмӣ оид ба «Корҳои ислоҳӣ ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ: масоили иҷро ва адои он» дар таҳқиқоти диссертатсионӣ, муаллиф ба хулосаи ниҳоӣ омада, дар рисола пешниҳодҳои судманд оварда шудааст.

Мавзуи диссертатсия ва мунҷариҷаи он дуруст ва ба мақсади рисола мувофиқ мебошанд. Хулосаҳои илмию тавсияҳои дар диссертатсия

овардашуда қобили қабуланд. Адабиёти дар диссертатсия истифодашуда дуруст мебошанд. Диссертант аз натиҷаи таҳқиқот хулосаҳои назаррас бароварда, барои амалӣ кардани онҳо хулосаҳои муфид манзур гардонидааст.

Хулосаҳо ва пешниҳодоти таҳқиқот ба заминаҳои назариявию методологии диссертатсия асоснок гардидаанд. Пеш аз ҳама, эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ба воситаи мухолифат надоштани онҳо бо илмҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ва мувофиқати методҳои илмии истифодашуда бо соҳаи илми ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва ҳуқуқи ҷиноятӣ ифода меёбад.

Бояд иброз намуд, ки натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, аз ҷумла хулосаҳои назариявӣ, таклифу пешниҳодҳо ва нуқтаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод карда мешаванд, метавонанд дар ҷодаи рушду такмили қонунгузории ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷинотӣ ҳангоми таъин, иҷро ва адои он саҳми назаррас дошта бошанд.

Аз руйи мазмуну муҳтавои диссертатсия аз ҷониби муаллиф 8 мақолаҳои илмӣ нашр карда шудаанд, ки 4 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд.

Онҳо сатҳи кофии навгонии илмӣ дошта, аз саҳми муаллиф дар масъалаҳои асосии ҳуқуқи ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон далолат менамояд. Бар замми ин, дар бобҳо ва зербобҳои диссертатсия ақидаҳо ва хулосаҳои муаллиф пешниҳод карда мешаванд.

Андешаҳои боло навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсиониро тасдиқ намуда, саҳми шахсии муаллифро дар таҳияи диссертатсия нишон медиҳад. Нуқтаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади амалӣ ва назариявӣ мустаҳкам карда шудаанд.

Ҳамаи ин имкон додааст, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳаматарафа ва пурра андом дода шавад. Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгу мебошад.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло диссертатсияи Нодирзода Нозимҷон Мансур дар мавзуи «Корҳои ислоҳӣ ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ: масоили иҷро ва адои он» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ба ҳимоя тавсия карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ:** доктори илмҳои
ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи
ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат
бо коррупсияи факултети хуқуқшиносии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шарипов Т.Ш

Суроға: 734023, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, м. Буни Ҳисорак
Тел.: (+992) 918408600

Имзои Шарипов Т.Ш.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ ДМТ Тавқиев Э.Ш.
«01» 04 2024 с.